# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ дар бораи фаъолияти тахассуснокӣ ва илмии докторант Юсуфзода Исмоил Умарали дар мавзуи «Такмили механизми истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ (дар мисоли вилояти Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси: 6D051900-Ташкил ва меъёргирии меҳнат (6D051901-Иқтисодиёти меҳнат ва демография)**

Масъалаи истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ, баланд бардоштани сатҳи шуғлнокии аҳолӣ ва такмили муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимми сиёсати давлат ба ҳисоб меравад. Дар ин замина, диссертатсияи Юсуфзода Исмоил Умарали, ки ба таҳқиқи масъалаҳои такмили механизми истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ бахшида шудааст, аҳаммияти баланди илмӣ ва амалиро доро мебошад.

Истифодаи оқилонаи захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ метавонад ба рушди мутавозини тамоми иқтисодиёт саҳм гузорад, хусусан дар шароити ҳозираи соҳаи кишоварзии Тоҷикистон, ки муҳим ва меҳнатталаб аст, аҳаммияти хоси худро дорост. Бе баланд бардоштани самаранокии равандҳои меҳнат, ворид намудани усулҳои нав ва пешрафтаи техникӣ-технологӣ дар истеҳсолот, расидан ба нуктаҳои пешбинишуда ва дурнамои соҳаи кишоварзӣ имконнопазиранд.

Аз ин бармеояд, ки таҳқиқи робитаҳо миёни бозори меҳнат ва бозорҳои молию арзӣ барои муайян кардани самтҳои беҳтарини истифодаи захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ на танҳо аз назари иқтисодӣ муҳим, балки аз нуқтаи назари сиёсати давлат ҳам аҳаммият дорад.

Таҳқиқоти олимон нишон медиҳад, ки яке аз омилҳои асосӣ ин маҳдудияти иқтидори соҳаҳои иқтисодии ҷумҳурӣ барои таъмин намудани шуғли пурраи қувваи кории мавҷуда мебошад, ки зиёдатии захираҳои меҳнатиро ба миён меорад. Дар бозори меҳнати соҳаи кишоварзӣ фарқияти байни пешниҳод (ҷойҳои корӣ) ва талабот дида мешавад, ки ҳолати мазкурро зиёдшавии шахсони бекор муайян намоянд ва он ба таври пинҳонӣ

вуҷуд доранд, дида мешаванд. Ҳал намудани масъалаҳои такмили механизми истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ, мубрамияти мавзуи мазкурро ифода менамоянд.

**Мақсади таҳқиқот.** Меҳвари асосии диссертатсияи мазкур таҳлили асосҳои назариявӣ ва методии такмили механизми истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзии вилояти Суғд коркард, таҳия, тавсия ва пешниҳодҳои илмӣ-амалӣ барои амалӣ гаштани онҳо мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои расидан ба ҳадафи мазкур дар раванди таҳқиқот ҳалли вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:

- таҳлил, омӯзиш ва амиқ намудани мафҳум, моҳият, зарурият ва аҳаммияти истифодабарии захираҳои меҳнатӣ ва такмили механизми он дар соҳаи кишоварзӣ;
- омӯзиши асосҳои иқтисодии танзими бозори меҳнат, шуғлнокии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ бо назардошти самтҳои рушди иқтисоди дохилӣ ва хориҷӣ, таҳияи шакл ва усулҳои самараноки идоракунӣ;
- ҳолати вазъи муосири истифодаи захираҳои меҳнатӣ дар бахши кишоварзӣ бо дарназардошти омилҳои табиӣ, демографӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ;
- пешниҳоди самтҳои афзалиятноки истифодаи захираҳои меҳнатӣ ва механизмҳои ҳавасмандгардонии он ҳамчун омили баланд бардоштани истифодабарии захираҳои меҳнатӣ бо дарназардошти хусусиятҳои минтақа ба натиҷаҳои ниҳоии истифодаи меҳнат;
- такмили механизмҳои ташкили иқтисодии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ, самтҳои он дар асоси истифодаи низоми хоҷагидорӣ, махсусгардонӣ ва якҷоякунии молистеҳсолкунандагони соҳаи кишоварзӣ, инфрасохтори таъминотӣ ва хизматрасонӣ;
- муайян кардани самтҳои асосии танзими давлатии истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ.

Навгонии илмии диссертатсия дар асоснок намудани самтҳои такмили механизми истифодаи захираҳои меҳнатӣ, мафҳуми самаранокии бозори захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ, пешниҳоди усулҳои муосири ҳавасмандгардонии кормандон, муайян намудани роҳҳои баланд бардоштани самаранокии меҳнат, таъмини агрокластерҳо ва такмили механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии идоракунии захираҳои меҳнатӣ аз тарафи давлат ифода меёбад.

Дар кори диссертатсионии мазкур бори  аввал дар шароити гуногунҳудудии Тоҷикистон натиҷаҳои зерине, ки дар раванди таҳқиқот ба даст оварда шудаанд, ифода ёфтаанд:

1. Моҳият, зарурият ва аҳаммияти захираҳои меҳнатӣ таҳлил шуда, истифодабарии онҳо дар асоси омӯзиши амиқи асарҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ баррасӣ гардидааст. Таснифи сифатии захираҳои меҳнатӣ, усулҳои идоракунӣ ва низоми самараноки истифодаи онҳо ба таври муфассал таҳия шудааст. Принсипҳо, самтҳо, шаклҳои асосии ташкили оқилонаи коллективҳои меҳнатӣ, нақши онҳо дар ҳаёти ҷомеа ва фарди алоҳида равшан карда шудааст. Ин таҳлил нишон дод, ки захираҳои меҳнатӣ ҳамчун як унсури калидии қувваҳои истеҳсолкунанда мавқеи хос доранд. Мафҳуми самаранокии бозори меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ бо диди муаллиф аниқ ва пурра пешниҳод шудааст, ки ин дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ зарурати хосро мегирад.

2. Омӯзиш ва таҳлили асосҳои илмӣ-методӣ, амалӣ, тарзи ҳисоб намудани нишондиҳандаҳои самаранокии истифодаи захираҳои меҳнатӣ ба таври дақиқ муайян шудаанд. Хусусиятҳои хоси бозори меҳнат дар соҳаи кишоварзии вилояти Суғд, дигар мамлакатҳои хориҷа бо назардошти рушди самти макроиқтисодии дохилӣ ва байналмилалии муносибатҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ акси худро ёфта, самтҳои асосии самаранок истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзии вилояти Суғд мушаххас карда шудаанд.

3. Ҳавасмандӣ ҳамчун омил ва механизми муҳими таъмини рушди истифодаи самаранокии захираҳои меҳнатӣ муайян гаштааст. Дар заминаи мазкур омилҳои ба он таъсиркунанда ва тарзҳои муайян намудани музди меҳнат дар асоси қонуни музди меҳнат аз микдор ва сифати меҳнати сарфшуда таҳлил ва натиҷабардорӣ шуданд. Бо дарназардошти хусусиятҳои техникӣ, технологӣ ва иқтисодӣ муайян намудани музди меҳнати кормандон ва роҳбарон аз даромади умумӣ барои баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва самаранокии хоҷагиҳо хизмат менамояд, пешниҳод гардидааст. Ин тадбирҳо имконият медиҳанд, ки ҳавасмандии кормандон ба таври ҷиддӣ афзоиш ёфта, фаъолияти меҳнатии онҳо самараноктар гардад.

4. Тарз ва самтҳои асосии такмили механизми истифодаи оқилонаи захираҳои меҳнатӣ, дар соҳаи кишоварзӣ мавриди таҳлил ва натиҷагирӣ қарор гирифтанд. Таваҷҷуҳ ба самтҳои истеҳсолот, ҷойгиршавии онҳо ва ҳамгироии самараноки захираҳои меҳнатӣ дар кластерҳои агросаноатӣ, хусусан дар соҳаи пахтапарварии вилояти Суғд ба миён гузошта шуда, ташкили дурусти кластерҳо ва ҳамкорӣ миёни сохторҳои истеҳсолӣ, саноатӣ, инфрасохторҳои муайяни иқтисодӣ-иҷтимоӣ, ташкилотҳои хизматрасонӣ, ки метавонанд ба истифодаи оқилонаи захираҳои меҳнатӣ ва баланд бардоштани самаранокии ниҳоии ҳар як ҷузъи кластер таъсири бевоситаи мусбӣ расонанд, моделҳои танзими давлат бо ҳамкории бахши хусусӣ барои муайян намудани тақсими одилонаи натиҷаи ниҳоии фаъолияти ташкилот, корхонаҳо, баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ ва таъмини амнияти иқтисодӣ муҳим пешниҳод шудаанд. ки ба беҳбудии некуаҳволии умумӣ ва суботи иҷтимоӣ мусоидат хоҳанд кард.

Дар ҷараёни таҳқиқот муаллиф доираи васеи асарҳо ва сарчашмаҳои илмии ватанӣ ва хориҷиро мавриди омӯзиш қарор дода, масъалаҳои назариявӣ ва методологии истифодаи захираҳои меҳнатиро ҳамаҷониба арзёбӣ намудааст. Дар диссертатсия мафҳум, моҳият ва аҳаммияти захираҳои меҳнатӣ, хусусиятҳои ташаккул ва рушди бозори меҳнат, масъалаҳои

шуғлнокӣ ва самаранокии меҳнат дар шароити иқтисоди бозорӣ ба таври мукаммал баррасӣ гардидаанд.

Ҷиҳати муҳимми таҳқиқот аз он иборат аст, ки муаллиф ҳолати воқеии истифодаи захираҳои меҳнатиро дар соҳаи кишоварзии вилояти Суғд мавриди таҳлили амиқ қарор додааст. Дар асоси маълумотҳои оморӣ, иқтисодӣ, молиявӣ ва муҳосибӣ, соҳаи кишоварзӣ, хоҷагиҳои мушаххас ва маводи таҳлилӣ, тамоюлҳои асосии рушди бозори меҳнат, нишондиҳандаҳои истифодаи захираҳои меҳнатӣ, сатҳи шуғлнокӣ ва маҳсулнокии меҳнатро муайян намудааст. Таҳлилҳои анҷомдодашуда имконият додаанд, ки омилҳои таъсиррасон ба самаранокии истифодаи захираҳои меҳнатӣ ошкор гардида, мушкилоти мавҷуда ва роҳҳои ҳалли онҳо пешниҳод карда шудаанд.

Муаллиф нақши ҳавасмандгардонии меҳнатро ҳамчун омили муҳимми баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат асоснок намуда, барои такмили низоми музди меҳнат ва баланд бардоштани манфиатмандии иқтисодии кормандон пешниҳодҳои мушаххас таҳия намудааст.

Яке аз арзишҳои баланди кори диссертатсионӣ ин ташаккул ва рушди кластерҳои агросаноатӣ ҳамчун баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои меҳнатӣ тавсия шудааст.

Дар кори диссертатсионии мазкур нақши давлат оид ба оқилона ва самаранок истифодабарии захираҳои меҳнатӣ, ҳамчунин тадбирҳои танзими шуғли аҳолӣ, истифодаи он дар корхонаҳо, хоҷагиҳои ҷамъиятӣ ва дигар ташкилотҳо пешниҳод шуданд, ки суботи сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии ҷомеа, рақобатпазирӣ ва ҷолибияти сармоягузории кишвар (минтақа), сатҳи некуаҳволии аҳолӣ, амнияти иқтисодӣ ва бароҳатии маънавии зиндагии мардумро таъмин намуда, тавассути усулҳои мувофиқи демократӣ, механизмҳо ва технологияҳое, ки дар меҳвари қонун амалӣ мегарданд, вобаста буда, ба дараҷаи некуаҳволии онҳо таъсир расонида, акси худро ёфтаанд.

Масъалаҳои баланд бардоштани самаранокии соҳаи кишоварзӣ ин

ташкили коркарди саноатии маҳсулоти он мебошад, ки дар натиҷа коҳиш ёфтани талафоти маҳсулоти тезвайроншавандаи кишоварзӣ, идора намудани нархи маҳсулот дар бозор, аз тарафи дигар пайдо шудани ҷойҳои нави корӣ, ки барои амалӣ гаштани ҳадафи чоруми стратегии давлат - саноатикунии босуръат таъсири бевоситаи худро мерасонад, тавсия шудааст.

Арзиши амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки тавсияҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсия асоснокшуда метавонанд аз ҷониби вазорату идораҳои соҳавӣ, мақомоти маҳаллии идоракунии давлатӣ, хоҷагиҳои кишоварзӣ ва дигар субъектҳои хоҷагидорӣ ҳангоми таҳияи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, такмили сиёсати шуғл ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои меҳнатӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Ҳамчунин, натиҷаҳои назариявии дар диссертатсияи пешниҳодшуда дар раванди таълим аз фанҳои ташкили илмии меҳнат, ташкили истеҳсолоти кишоварзӣ, шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ, бозорҳои кишоварзӣ, географияи иқтисодии Тоҷикистон бо асосҳои демографӣ, иқтисодиёти рушди деҳот, асосҳои рақамикунонии кишоварзӣ дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур татбиқ ва амалӣ шуда истодаанд (санади татбиқ № 02\133, аз 17. 02. 2025). Баъзе натиҷаву тавсияҳои аз таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф баромада, дар фаъолияти Раёсати кишоварзии мақомоти иҷроии ҳокимияти давлатии ноҳияи Мастчоҳ татбиқ карда шудааст (санади татбиқ №16, аз 28. 03. 2025).

Муаллиф дар раванди иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ мустақилияти илмӣ, қобилияти таҳлил ва ҷамъбаст намудани маълумоти назариявӣ ва амалиро нишон додааст. Ҳамаи натиҷаҳои асосии таҳқиқот шахсан аз ҷониби муаллиф ба даст оварда шуда, дар шакли мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар мизҳои мудаввар, конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ пешниҳод гардидаанд.

Диссертатсия аз рӯйи сохтор ва мазмун ба талаботи корҳои илмии тахассусӣ ҷавобгӯ буда, пайдарпайии мантиқии масъалагузорӣ ва ҳалли

онҳоро таъмин менамояд. Хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда аз таҳлилҳои илмӣ маншаъ гирифта, аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ асоснок шудаанд.

Бо дарназардошти аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомада, сатҳи баланди таҳқиқоти илмӣ, асоснокии хулосаҳо ва мутобиқати диссертатсия ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, чунин меҳисобам, ки диссертатсияи Юсуфзода Исмоил Умаралӣ дар мавзуи «Такмили механизми истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ (дар мисоли вилояти Суғд)» кори анҷомёфтаи мустақили илмӣ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051900-Ташкил ва меъёргирии меҳнат (6D051901-Иқтисодиёти меҳнат ва демография) сазовор мебошад.

Роҳбари илмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессори кафедраи ташкили истеҳсолот
дар корхонаҳои КАС –и Донишгоҳи аграрии
Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Насиров Р.

Имзои д.и.и., профессор Р. Насиров-ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳо Қурбонзода А.Х.

04.03.2026 с.